**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи “Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст (Душанбе, 2025. - 37 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 (ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи оилавӣ – манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бахшида шудааст. Вай аввалин таҳқиқоти аз ҷиҳати илмӣ муҳим ва арзишманд дар ҳуқуқи оилавӣ буда, барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Автореферати диссертатсия ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзӯъ, методологияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро ба таври возеҳ инъикос намуда, роҳҳои ҳалли проблемаҳои манфиати оилавиро дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон муайян менамояд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи комплексии назариявии масъалаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар ҳуқуқи оилавӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтадбиққунӣ дар ин самт иборат мебошад, ки муаллиф аз иҷрои он моҳирона баромадааст.

Бояд қайд намоем, ки омӯхтани механизми таъмини ҳуқуқии манфиатҳои молумулкии ҳамсарон, имконият медиҳад, ки восита ва

тарзҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ дар қонунгузорӣ муайян ва амалӣ карда шаванд.

Зарурияти объективии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани он иборат мебошад. Вобаста ба ин муаллиф дуруст қайд менамояд, ки манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба оне, ки манфиати киҳоро дахл менамояд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: манфиатҳое, ки тамоми оиларо фаро мегиранд ва манфиатҳое, ки ба аъзои алоҳидаи он дахл доранд. Манфиати тамоми оила бояд ҳамеша аз манфиатҳои шахсии ҳар як аъзои оила бартарӣ дошта бошад. Дар сурати мухолифати онҳо бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин аз он вобаста аст, ки оила бо вуҷуди надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиатҳои умумӣ нигоҳ медорад. Ин тафовут хусусияти дугонаи оиларо нишон медиҳад: аз як тараф, он мустақилияти ҳуқуқӣ надорад, аз тарафи дигар, ҳамчун объекти асосие амал мекунад, ки манфиатҳои он афзалиятро талаб мекунанд. Аз ин ҷо таҳияи консепсияи ҳуқуқие зарур аст, ки имконият

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда консепсияи назариявии мукаммал дар бораи таносуб ва алоқамандии манфиати аъзои алоҳидаи оила ва алоқамандии он бо манфиати умумиоилавӣ таҳия карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили андешаҳои гуногуни олимон, инчунин қонунгузорӣ ва маводи амалия муаллиф тавонистааст, ки таклифҳои мушаххаси илмиро оид ба такмили қонунгузории оилавӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Таклифҳои муаллиф оиди дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани мафҳуми «оила» ва муайян кардани «ҳайати мушаххаси аъзоёни он» бо дарназардошти талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо”, муқаррар кардани баъзе объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ, бахусус ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки вобаста ба фазои маҷозӣ

бавуҷуд меоянд, муайян намудани реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон, бо таври мушаххас дар қ.2. м.34 КО ҶТ қарз, ҳисса ва саҳмро ҳамчун моликияти умумии якҷояи ҳамсарон пешбинӣ намудан, инчунин дар қисми 2 ҳамин модда иваз намудани ибораи «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон»-ро бо сабаби қисми таркибии «молу мулки ҳамсарон» будан ва ғ. мувофиқи мақсад мебошад. Умуман, таклифҳои пешниҳодкардашуда оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории оилавии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мусоидат менамоянд.

Дар баробари дорои сатҳи баланд будани таҳқиқот, автореферати мазкур, ба андешаи мо, аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ холӣ намебошад. Аввалан, аз мазмуни он маълум намегардад, ки муаллиф аз қарорҳои Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи амалияи судӣ самаранокона истифода бурдааст ё не? Баъдан, дар матни русии автореферат истилоҳи “параграф” истифода карда шуда, дар матни тоҷикӣ бошад истилоҳи “зербоб” ҳаммаъно ба он дониста мешавад. Ҳол он, ки тибқи талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” “зербоб” аз “параграф” фарқ менамояд. Чунин ҳолат на танҳо дар автореферати Раҳимзода Ф.М., балки дар ҳамаи автореферaтҳои ба ҳимоя пешниҳодкарда мавҷуд мебошад. Хуб мебуд, ки минбаъд талаботи Қонуни зикршуда риоя карда шавад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад нишон медиҳад, ки кори илмии мазкур таҳқиқоти пурмазмун ва арзишманд мебошад. Пешниҳодҳои муаллиф барои рушди қонунгузории оилавӣ нигаронида шудаанд. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, инчунин дастури Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ буда, муаллифи он Раҳимзода Фирӯза

Маҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:

Мудири кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
Россия-Тоҷикистон (Славиянӣ),
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Носиров Х.Т.

Имзои Х.Т. Носировро тасдиқ мекунам.